**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
Сардори Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.ҳ., полковники милитсия
______________Насуриён П.А.
«_07_» ____06_____ соли 2024

# ХУЛОСАИ
# АКАДЕМИЯИ ВКД ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи Собирзода Аловуддин Ҷабор дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ-ҳуқуқии ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистон: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат дар кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети № 2 Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро карда шудааст.

Собирзода А.Ҷ. соли 1998 факултаи муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи соҳибкорӣ ва хизмат бо ихтисоси иқтисодиёти ҷаҳон ва соли 2017 факултети № 3 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо ихтисоси ҳуқуқшиносӣ хатм намудааст.

Собирзода А.Ҷ. соли 2021 адъюнктураи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистонро хатм намуда, айни замон ба ҳайси муовини сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қисми низомӣ фаъолият менамояд.

Шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ соли 2024 аз ҷониби Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудааст (шаҳодатнома аз 11 марти соли 2024, № 1).

Мавзуи диссертатсияи Собирзода А.Ҷ. бо Қарори Шурои олимони Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 ноябри соли 2021 таҳти № 4 тасдиқ шудааст. Роҳбари илмӣ – Азиззода Убайдулло Абдулло, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад. Рисолаи мазкур дар ҷаласаи

кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети № 2 Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 июни соли 2024 таҳти № 11 ба ҳимоя тавсия шудааст.

**Муҳиммияти мавзуи таҳқиқот дар он ифода меёбад,** ки дар ҷаҳони муосир аксарияти давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон шакли давлати иҷтимоиро ташкил намуда, дар қонунгузорӣ барои шаҳрвандон тамоми кафолатҳои иҷтимоиро муқаррар намудаанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон, пас аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ, расман дар бораи таъсиси давлати иҷтимоӣ эълон намуд. Вобаста ба ин, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои фароҳам овардани шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаи мардум кафолат дод ва мақсади қабули он пеш аз ҳама рушди устуворона ва пурқуват намудани ҳаёти иҷтимоии аҳолӣ буд.

Бояд тазаккур дод, ки таъминоти иҷтимоӣ доираи васеи аҳолӣ ва гурӯҳҳои мухталифро фаро мегирад. Дар байни он гурӯҳҳо субъекти махсусро кормандони мақомоти корҳои дохилӣ (минбаъд – МКД) дар таъмини тартиботи ҳуқуқии давлат, амалишавии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд нақши калон доранд ва дар иҷрои вазифаҳои худ кормандони МКД худ ва аъзои оилаи худро зери хатар мегузоранд. Аз ин рӯ, ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД ба самаранокии фаъолияти онҳо мусоидат намуда, яке аз масъалаҳои мубрами илмию амалӣ мебошанд

Дар рисола зикр карда шудааст, ки кормандони милитсияи Тоҷикистон дар душвортарин солҳои аввали Истиқлолият аз суботу амнияти кишвар пуштибонӣ карда, ҳамеша дар сафи пеши мубориза алайҳи ҷинояткорӣ қарор доштанд. Дар мамлакат садҳо гурӯҳҳои ғайриқонунии ҷиноятпеша амал мекарданд, ки сулҳу субот ва осоиши мардуми Тоҷикистонро намехостанд. Мақомоти корҳои дохилӣ новобаста аз шароити душвори иқтисодиву́молиявӣ, сатҳи пасти маош, нарасидани озуқаворӣ, сару либос ва дигар лавозимоти зарурӣ, таъминоти моддию техникӣ, инчунин вазъи хатарнок, ҳолати буҳронии рӯҳию ҷисмонӣ вазифаҳои ба уҳдаашон гузоштаро сарбаландона иҷро намуда, баҳри расидан ба сулҳу Ваҳдати миллӣ, таҳкими Истиқлолият ва суботи комили ҷомеа ҷасорату мардонагӣ нишон додаанд. Дар ин роҳ беш аз 2500 нафар кормандон худро фидои Ватан карда, имрӯз номи онҳо ба некӣ ёд гардида, фидокориву ҷоннисориашон барои насли имрӯзаи халқи тоҷик намунаи ибрат мебошад.

Муаллиф қайд менамояд, ки самаранокии фаъолияти МКД бе баланд бардоштани сатҳи таъмини иҷтимоию иқтисодӣ ва молиявии кормандон ғайриимкон аст. Аз ин лиҳоз зарур аст, ки асосҳои ҳуқуқии ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД мавзуи таҳқиқоти илмӣ қарор гирифта, камбудӣ ва норасогиҳо дар ин самт муайян гардида, пешниҳодҳои илмӣ ҷиҳати такмили қонунгузорӣ манзур карда шаванд.

Омӯзиши таърихи гузашта имконият медиҳад, ки ҷиҳатҳои мусбат ва манфии таъмини ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД дар Тоҷикистон муайян гардида, ҷанбаҳои мусбати он мавриди омӯзиш ва корбарӣ қарор гиранд. Ҳамчунин, омӯзиши таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ дар самти таъмини ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД имконият медиҳад, ки роҳҳои дуруст ва самараноки такмили қонунгузорӣ дар самти ҳифзи иҷтимоии кормандон муайян гардида, дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии кишвари мо истифода шаванд.

Мубрамияти мавзуи таҳқиқшаванда ҳамзамон дар он ифода мегардад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия ва мавриди амал қарор ёфта бошад ҳам, масъалаҳои ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД пурра ҳалли худро наёфтаанд. Ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо ва санадҳои зерқонунӣ, махсусан дар стратегия, консепсия ва барномаҳои давлатӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтаанд. Ҷиҳати таъмини асоси ҳуқуқии рушди соҳаи иҷтимоӣ, инчунин аз ҷониби давлат чанд консепсия, барнома ва стратегияҳо қабул гардидаанд: «Стратегияи рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», «Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028», «Барномаи ислоҳоти (рушди) милитсия барои солҳои 2021-2025» ва ғайра. Новобаста аз ин, қонунгузории кишвар дар ин самт аз камбудию нуқсонҳо холӣ набуда, ба такмилдиҳӣ ниёз дорад, зеро то имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қонун оид ба ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД қабул нашудааст.

Дар шароити шиддат гирифтанииробитаи кишварҳои ҷаҳон, зиёд гардидани шумораи гурӯҳҳои экстремистиву террористӣ ва густариши роҳу воситаҳои содиршавии ҷиноят, аз ҷумла, ҷиноятҳои махсусан вазнин давлат водор мегардад, ки ҷиҳати таъмини ҳаёти мусоид ва шароити кории арзанда барои хизматчиёни давлатӣ дар умум ва кормандони МКД дар алоҳидагӣ чораҳои зарурӣ андешад. Зеро бе таъмини ҳаёти мусоид ва шароити кории ҷавобгӯй ба талаботи замони

муосир, кормандони МКД наметавонанд бар зидди ҷинояткорӣ истодагарӣ намоянд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** ба сатҳи илмии навгонии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд пурра мутобиқ буда, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ муҳим арзёбӣ гашта, асоснок карда мешавад. Ҳамзамон, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва сабки диссертатсия саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳад.

Барои ноил гардидан ба ин ҳадаф ҳал намудани вазифаҳои зерин дар назар аст:

– маҳфумҳои асосӣ ва омилҳои махсуси моҳияти ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД таҳқиқ карда шудаанд;

– асосҳои ҳуқуқии ҳифзи иҷтимоии кормандони милитсия дар марҳилаи аввали ташаккули он (солҳои 1917-1929) таҳлил карда шудааст;

- хусусиятҳои таҳаввули қонунгузорӣ дар соҳаи мазкур дар давраи советӣ (дар ҳайати ИҶШС ба сифати ҷумҳурии иттифоқӣ будани Тоҷикистон), баррасӣ карда шуданд;

– ташаккули қонунгузории ватанӣ дар соҳаи таъмини ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД дар солҳои истиқлолият (солҳои 1991-2023);

- омӯзиши сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД;

- омӯзиши таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ дар самти ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД;

- муайян намудани роҳҳои такмили механизми ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД дар рафти гузарониданиислоҳоти давлатӣ.

**Навгонии илмии рисола**. Навгонии илмии таҳқиқот дар он аст, ки дар илми ҳуқуқи ватанӣ ин аввалин кӯшиши омӯзиши ҳамаҷонибаи масъалаҳои танзими ҳуқуқии асосҳои ҳифзи,иҷтимоии кормандони МКД мебошад. Дар рисола кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки мафҳум, мақсад, моҳият, заминаи ҳуқуқӣ ва рушди қонунгузорӣ дар ин соҳа ошкор карда шавад. Пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, ки аз ҷониби муаллиф таҳия шудаанд, ба такмили асосҳои ҳуқуқии танзими масъалаҳои таъминоти иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД нигаронида шуданд.

**Заминаҳои ҳуқуқӣ ва эмпирикии таҳқиқот.** Асоси меъёрии таҳқиқотро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллии танзимкунандаи соҳаи МКД ва ҳифзи иҷтимоии кормандони он, инчунин санадҳои зерқонунӣ ташкил медиҳанд. Дар таҳқиқоти илмӣ, ҳамзамон қонунгузории кишварҳои

хориҷӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дохилисоҳавии МКД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои хориҷӣ мавриди истифода қарор дода шудаанд.

Ҳамчун заминаи эмпирикии таҳқиқот – маълумоти бойгонии хислати таърихидошта ба таври васеъ истифода бурда шудааст.

**Асосҳои илмӣ-назариявии таҳқиқот**. Асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсиониро асарҳое ташкил медиҳанд, ки дар онҳо масоили мубрами асосҳои ҳуқуқии ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ таҳлил шудаанд. Зимни омода намудани таҳқиқоти диссертатсионӣ, асарҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ дар самти ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД мавриди омӯзиш қарор дода шуд.

Дар таълифи диссертатсия, муаллиф ба асарҳои илмии олимони зерин такя кардааст: А.Р. Абдуллоев, У.А. Азиззода, У.А. Азимӣ, В.С. Андреев, С.Ю. Анохина, Н.В. Антипева, Ю.В. Биковская, Ғ.М. Бобокалонов, Э.Б. Буризода, Б.Ғ. Ғафуров, А.М. Диноршоҳ, Д.С. Дресвянкин, А.В. Завгородний, Ҷ.М. Зоир, Ю.С. Кострия, Н.Д. Кочеткова, А.В. Коровников, С.М. Круппо, М.О. Қудратов, Қ.Б. Қурбонов, М.А. Маҳмудзода, И.В. Моданова, А.М. Мансурзода, А.Х. Маликова, С.П. Матвеев, П.А. Михалюк, Р.С. Мулукаев, Н.Д. Назаров, Р. Ҳ. Раҳимзода, А.Ш. Розиқзода, Ю.А. Саранкина, О.А. Сафарзода, Д.Ш. Сангинов, Ф.Т. Тоҳиров, Л.П. Храпилина, А.Ғ. Холиқзода, А.Ю. Хокироев, Ф. Р. Шарифзода, Р. Ш. Шарофзода, Р.А. Шаҳбозов, Н. Шонасридинов, М.Р. Шукуров, Ш.Т. Юсупов, В.А. Якушев ва дигарон.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Асосҳои методологии рисолаи илмиро усулҳои умумиилмӣ ва хусусии донишҳои илмӣ ташкил медиҳанд. Дар диссертатсия усулҳои умумии фалсафӣ, аз қабили диалектикӣ, мантиқӣ-забонӣ ва низомнокӣ истифода шудаанд. Ҳангоми навиштани рисолаи илмӣ, инчунин аз усулҳои махсуси ҳуқуқӣ, ба монанди таърихӣ-ҳуқуқӣ, шаклӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ истифода бурда шудааст.

Ташаккул ва инкишофи ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД дар Тоҷикистони шуравӣ ва соҳибистиқлол бо истифода аз воситаи усули диалектикӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Дар таҳлил ва пешниҳоди дурусти мафҳумҳо ва ибораҳои ҳуқуқии дар таҳқиқоти диссертатсионӣ истифодагардида усули мантиқӣ-забонӣ мусоидат намудааст. Эҷод ва масъалагузориҳо дар ҳар зербоб бо назардошти қонунҳои мантиқӣ ва забонӣ ба роҳ монда шудаанд. Бо истифода аз

усули низомнокӣ дар таҳқиқоти диссертатсионӣ, мақсад ва вазифаҳои дар он гузошташуда бо тартиби муайян ба роҳ монда шуда, омӯзиши қонунгузорӣ дар самти ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД бо низом ва тартиби муайян мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар заминаи усули таърихӣ-ҳуқуқӣ масъалаи ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, танзими он дар қонунгузории Давлати шуравӣ ва сипас Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардидааст. Усули шаклӣ-ҳуқуқӣ имконият дод, ки ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД ҳамчун падидаи ҳуқуқӣ баррасӣ гардида, дар натиҷа мафҳум, моҳият, намудҳои кафолати ҳифзи иҷтимоӣ, муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ дар самти ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД муайян карда шудаанд. Тавассути усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ омӯзиши таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ оид ба ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД, аз ҷумла таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории кишварҳои хориҷӣ ва миллӣ ба роҳ монда шудааст. Дар умум, усулҳои мазкур дар якҷоягӣ имконият фароҳам оварданд, то таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳамаҷониба, пурра ва воқеи гузаронида шуда, вазифаҳои гузошташуда ҳалли худро пайдо намоянд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳаммияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар он ифода мегарданд, ки хулоса, пешниҳод ва тавсияҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷойдоштаро зимни пажӯҳишҳои минбаъдаи проблемаҳои амали якҷояи санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ ва таносуби онҳо, инчунин дар раванди такмили қонунгузории миллӣ истифода намудан мумкин аст.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки маводи диссертатсияро метавон дар раванди таълим ҳангоми дарсҳои лексионӣ ва курсҳои махсус оид ба ҳуқуқи меҳнат, ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ ва ҳуқуқи инсон истифода намуд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот бошад, дар он ифода мегардад, ки хулоса ва тавсияҳои дар диссертатсия пешниҳодгардида дар такмили қонунгузории миллӣ нақши калон дошта, онҳо метавонанд бисёре аз холигиҳои қонунгузориро дар самти ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД пурра намоянд.

**Мутобиқатии диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст, мутобиқ мебошад.

Оид ба мавзуи диссертатсия муаллиф 13 мақолаи илмӣ чоп намудааст, ки аз онҳо 9 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиядодаи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва илми Федератсияи Россия ба табъ расидаанд ва пурра мазмуни диссертатсияро инъикос менамоянд. Ҳамаи мақолаҳои таҳиянамудаи муаллиф оид ба муҳтавои диссертатсия навишта шуда, таҳлили онҳо дар қисми хулосавии диссертатсия сабт ёфтааст.

Аз ҷумла:.

**I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои илмии та қризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

[1–М]. Собирзода, А.Ҷ. Асосҳои ҳуқуқии ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон[Матн] / А.Ҷ. Собирзода // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2019. – № 3(43). – С. 163-168.

[2–М]. Собирзода А.Ҷ. Укрепление органов милиции в ГБАО: организация и обеспечение[Матн] / А.Ҷ. Собирзода, А. Имомёрбеков // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2021. – № 2 ( 9 1 ) . – С. 241-244.

[3–М]. Собирзода, А.Ҷ. Ҳимояи иҷтимоӣ-ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / А.Ҷ. Собирзода // Осори Академияи ВКД. – 2021. – № 2 (50). – С. 111-118.

[4–М]. Собирзода, А.Ҷ. Нақши давлат дар самти таъминоти иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ [Матн] / А.Ҷ. Собирзода // Идоракунии давлатӣ. – 2021. – №3 (52) –С. 173-182.

[5–М]. Собирзода, А.Ҷ. Таҷрибаи баъзан давлатҳои хориҷӣ оид ба ҳимояи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ[Матн] / А.Ҷ. Собирзода, Н.Б. Азимзода // Қонунгузорӣ. – 2022. – №2 (46). – С. 50-54.

[6–М]. Собирзода, А.Ҷ. Мафҳуми ҳифзи ҳуқуқӣ ва иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ [Матн] / А.Ҷ. Собирзода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2023. – № 1 (29). – С. 57-65.

[7–М]. Собирзода, А.Ҷ. Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории давлатҳои иштирочии ИДМ оид ба таъминоти иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ[Матн] / А.Ҷ. Собирзода, С.З. Заробидинзода // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2023. – № 4(60). – С. 127-136.

[8–М]. Собирзода, А.Ҷ. Асосҳои сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ[Матн] / А.Ҷ. Собирзода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2023. – № 4 (32). – С. 54-63.

**[9–М].** Собирзода А. Ҷ. Оид ба баъзе масъалаҳои сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД [Матн] / У. А. Азиззода, С. Ҷ. Собирзода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. 2024. № 1 (33). – С. 61-71.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар дигар нашрияҳои илмӣ чоп шудаанд:**

**[10–М].** Собирзода, А.Ҷ. Баъзе масъалаҳои кафолати иҷтимоии кормандони МКД дар давраи ислоҳоти ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон[Матн] / А.Ҷ. Собирзода // Маводи IV-умин конференсияи илмӣ-назарияви̇и байналмиллалии «Ҳуқуқи инсон ва ҷаҳоншавӣ» (10 декабри соли 2021). – Душанбе, 2022. – С. 261-264.

**[11–М].** Собирзода А.Ҷ. Мафҳуми ҳифзи ҳуқуқӣ ва иҷтимоии кормандони МКД [Матн] / А.Ҷ. Собирзода // Нақши қонунгузорӣ дар ислоҳоти милитсия: маҷмуи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявӣ илмӣ-назариявӣ / зери назари умумии д.и.ҳ., дотсент Ф. Р. Шарифзода. – Душанбе: «Контраст», 2023. – С. 64-68.

**[12–М].** Собирзода А.Ҷ. Рушди қонунгузории муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД [Матн] / У. А. Азиззода, А.Ҷ. Собирзода // Масъалаҳои назариявии ташаккули фарҳанги ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон: маводи конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ / Зери таҳрири д.и.ҳ., профессор П. З. Мирзозода. Душанбе: Матбааи ДМТ, 2023. С. 72-83.

**[13–М].** Собирзода А.Ҷ. Марҳилаҳои асосии ташаккул ва рушди асосҳои ташкилӣ-ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқӣ ва иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистон: солҳои 1917-1991[Матн] / А.Ҷ. Собирзода // Маҷмуаи маводи II-уми конференсияи илмӣ-амалии байналмилалии «Илми ҳуқуқшиносӣ ва амалияи он» бахшида ба Рӯзи илми тоҷик (ш. Душанбе, Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 29 апрели соли 2023) / Зери таҳрири д.и.ҳ., дотсент Ф. Р. Шарифзода. – Душанбе: Матбааи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023. – С. 288-300.

Бо дарназардошти масъалаҳои дар боло матраҳгардида,

**қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Собирзода Аловуддин Ҷабор дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ-ҳуқуқии ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистон: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ» таҳқиқоти илмӣ-назариявии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба талаботи пешбинигардидаи соҳиб шудани дараҷаи илмӣ ва унвонҳои илмӣ ҷавобгӯ мебошад.

2. Диссертатсияи Собирзода Аловуддин Ҷабор дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ-ҳуқуқии ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистон: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ» ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси: 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат тавсия карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуд. Дар ҷаласа иштирок доштанд: 19 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ тарафдор - 19 нафар, зид - 0 нафар, бетараф - 0 нафар, суратҷаласаи № 11 аз 6 июни соли 2024.

**Раиси ҷаласа:**
сардори кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии
факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии
Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
подполковники милитсия Каримзода У.К.

**Котиби ҷаласа:**
сардори кабинети кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии
факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии
Тоҷикистон, майори милитсия Қурбонзода Ҷ.Ғ.

Имзои Каримзода У.К. ва Қурбонзода Ҷ.Ғ.-ро тасдиқ мекунам:
муовини сардори шуъбаи кадрҳои
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
подполковники милитсия Камолӣ З.Б.

06.06.24

*Суроға: 734012, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи М.Мастонгулова, 3. Тел.: +992 (37) 226-60-42; Факс: +992 (37) 226-60-43; E-mail: avkdjt.@mail.ru*